*ТДУ 27-76*
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-3-19-24***

**АЗ ТАЪРИХИ ГУСТАРИШИ МАСЕҲИЯТ ДАР ОСИЁИ МИЁНА**

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д.и.т., мудири кафедраи таърихи умумӣ ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ИЗ ИСТОРИИ РАСПРОСТРАНЕНИЯ ХРИСТИАНСТВА В СРЕДНЕЙ АЗИИ**

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д.и.н., заведующий кафедрой всеобщей истории и религиоведения ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

**FROM THE HISTORY OF DISTRIBUTION OF CHRISTIANITY IN CENTRAL ASIA**

***Ayubov Abdusalom Raufovich****, Dr. of History, head of the department of general history and religious studies under the SEI «Khujand State University named after acad. B. Gafurov» (Khujand, Tajikistan),* ***E-mail:*** *abdusalom-1@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *дин, масеҳият, ислом, несторианҳо, дайр, калисо, масҷид, арабҳо*

*Мақола ба таърихи ворид ва паҳншавии дини масеҳӣ дар Осиёи Миёна бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки масеҳият яке аз мазҳабҳои қадима буда, дар музофотҳои шарқии империяи Рим пайдо шудааст. Минбаъд вобаста ба шароити таърихӣ ба ҷойҳои дигар, аз ҷумла Осиёи Миёна паҳн шудааст. Дар бораи паҳншавии мазҳаби номбурда ёдгориҳои бостоншиносӣ, аз қабили биноҳои калисо, дайрҳо, навиштаҷоти динӣ бо забонҳои суғдӣ, суриёнӣ ва туркӣ маълумот медиҳанд. Тазаккур меравад, ки хизмати несторианҳо – пайравони дини масеҳӣ, ки аз империяи Рим ба Эрон омада, минбаъд ба тарафи Осиёи Миёна, Туркистони Шарқӣ, Ҳафтрӯд ҳаракат кардаанд, дар паҳнкунии таълимоти масеҳӣ калон аст. То омадани арабҳо масеҳиён дар Осиёи Миёна нуфузи калон дошта, калисо ва митрополияи худро дошта, минбаъд аз тарафи онҳо танг карда шуданд. Дайрҳо ба масҷидҳо табдил дода шуданд.*

***Ключевые слова:*** *религия, христианство, ислам, несториане, монастырь, церковь, мечеть, арабы*

*Статья посвящена истории проникновения и распространения христианской религии в Средней Азии. Отмечается, что христианство как одна из древних религий возникла в восточных провинциях Римской империи, затем стала постепенно распространяться по другим территориям, в том числе и по Средней Азии, о чем свидетельствуют археологические памятники, здания церквей, монастырей, религиозные письменности на согдийском, сирийском и тюркском языках. Заслуга несториан – последователей христианской религии, которые прибыли из Римской империи в Иран, и, далее продвигались в Среднюю Азию, Восточный Туркестан, Семиречье, очень велика в распространении христианства. Отмечается, что до прихода арабов христиане в Средней Азии имели огромное влияние, свою церковь и митрополию, но позже были вытеснены арабами, а монастыри превратились в мечети.*

***Key words:*** *religion, christianity, islam, nestorians, monastery, church, mosque, arabs*

*The article is devoted to the history of penetration and spread of the Christian religion in Central Asia. Christianity - one of the ancient religions originated in the eastern provinces of the Roman Empire. Further, due to historical circumstances it spread to other places, including Central Asia. Archaeological monuments, buildings of churches, monasteries, religious writings in Sughdian, Syriac and Turkic languages testify to the spread of the relevant religion. The merit of the Nestorians - followers of the Christian religion, who came from the Roman Empire to Iran, and then moved to Central Asia, East Turkestan, Semirechye, is very great in the spread of Christianity. Before the arrival of the Arabs, Christians in Central Asia had great influence, their own church and metropolis. Then they were driven out by the Arabs. Monasteries turned into mosques.*

Дар ҷаҳонбинӣ ва ҳаёти маънавии халқҳои Осиёи Миёна дар давраҳои аввали асрҳои миёна дар баробари дигар динҳо мазҳаби масеҳӣ низ мавқеи муайянеро ишғол кардааст. Кашф гардидани як қатор ёдгории нодири масеҳӣ, аз қабили калисои Хароба Кошуқи асрҳои VII-VIII [19, с.15], дайри “Хонаи байзавӣ” дар Марви Туркманистон [7,с.161], калисо дар ҳудуди Термизи қадим мансуб ба асрҳои X-XII [1, с.36], калисо дар маҳаллаи Оқ Бешим [13, с.231] ва калисо-дайри Тошработ [18,с.16] аз таърихи тӯлонии ин дин дар Осиёи Миёна шаҳодат медиҳад. Илова

бар ин, сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ дар бораи мавҷудияти калисоҳои масеҳӣ дар дигар шаҳру деҳоти марказии Осиёи Миёна хабар медиҳанд.

Мувофиқи маълумоти Ибни Ҳавқал, дар ҷануби Самарқанд, дар минтақаи Ургути ҳозира, дар мавзеи Шавдор, дар асри X деҳаи масеҳии Вазкирд мавҷуд буд, ки дар он калисо, дайр ва хонақоҳ ҷойгир буданд. Аҳолӣ аз Ироқ буд [22, с.485]. Ибни Ҳавқал ва ал-Истахрӣ оид ба деҳаи масеҳиёни Винкард дар марзҳои ғарбии Чоч навиштаанд. Ҳамчунин маълум аст, ки Исмоили Сомонӣ дар ҷараёни як маърака дар Тараз калисоҳои масеҳӣ дар Тараз ва шаҳри Миркиро ба масҷиди мусалмонон табдил додааст.Мувофиқи маълумоти Наршахӣ дар Бухоро, дар назди дарвозаи Аттарон дар ҷои калисои масеҳӣ масҷиди қабилаи араби Бону Ҳанзала сохта шудааст [17,с.57].Марко Поло дар бораи калисои Таъмидкунандаи муқаддас дар Самарқанд, ки дар чоряки дуюми асри XIII бунёд гардидааст, ёдрас намудааст. Ҳафриёти бостоншиносӣ имкон медиҳанд, ки доираи маъхазҳо оид ба мавзӯи масеҳият дар Осиёи Миёна васеъ гардад. Дар охири солҳои 80-ум – ибтидои солҳои 90-ум дар ҳудуди Суғди ҷанубӣ (вилояти Қашқадарёи Ӯзбекистон), дар масофаи 1,5 км аз пойтахти Нахшаб (Насаф) як маҷмааи нодири динӣ кашф гардида буд. Дар ҳудуди Осиёи Миёна баъзе иншооти зеризаминӣ қаблан маълум буданд. Яке аз онҳо, маҷмааи ғори Кархонаро дар солҳои 30-уми асри XX М.Е. Массон кашф кардааст. Ёдгорӣ дар масофаи 6 км ҷануби пойтахти вилояти асримиёнагии Илок - Тункат, дар водии кӯҳии Норбексой ҷойгир буда, онро мардуми маҳаллӣ Кархон, яъне «устохона» меномиданд [16, с.101]. Дар водии Норбексой ғайр аз Кархона чунин ёдгорихои бостоншиносӣ, монанди боқимондаҳои қалъаи ибтидоии асримиёнагии Холбойтеппа ва иншооти қасрии Муминтеппа, шаҳраки калони парокандаи асримиёнагӣ ва ғайра ёфт шудаанд.

Кархонаро М.Е.Массон қисман тадқиқ карда, нақшаи ғорҳои сунъиро тартиб додааст. Мағораҳо дар теппаи табиие, ки дар болои он шаҳраки хурди деҳотӣ ҷойгир буд, канда шуда буданд. Ғафсии қабатҳои фарҳангии он ба 6 метр расида, дар тӯли чанд аср ҷамъ шудааст. Қадимтарин сафоли дар ин ҷо ёфтшуда ба давраи охири сохти ғуломдорӣ тааллуқ дорад [16, с.103]. Замони пайдоиши маҷмааи ғорҳои Кархона ҳанӯз мушаххас нашудааст, дар ин ҷо ҳафриётҳои археологӣ гузаронида нашудаанд. Дар асоси қабатҳои фарҳангие, ки теппаро фаро мегиранд, қабатҳои қадимтарин ба асрҳои миёнаи барвақт ва эҳтимол, дар як вақт дар зери ин шаҳрак иншооти ғорҳо сохта шудаанд. Ба андешаи М.Е. Массон ғорҳо ба замонҳои гуногун мансуб буда, онҳо муддати тӯлонӣ сохта шудаанд. Дар бораи вазифаи ин ёдгорӣ муҳаққиқ навиштааст, ки “...дар яке аз биноҳои Кархона ҷамъомади мазҳабии хомушкунии чароғ гузаронида мешуд”. Дар солҳои 30-ум толори калони Кархона ҳамчун масҷиди ҷомеъ истифода мешуд. Дар девори ҷанубу ғарбӣ чароғаки меҳроб ҷойгир карда шудааст.

Кашфи маҷмааҳои ғорҳои масеҳӣ дар Осиёи Марказӣ ва аз рӯи нақша шакли салиб будани тамоми ғорҳои Кархонҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ин маҷмааи ғорҳо ба масеҳиёни қадим, дақиқтараш ба несторианҳо тааллуқ доштаанд [2,с.189]. Илова бар ин, қабатҳои қадимаи фарҳангии Кархона ба ибтидои асрҳои миёна тааллуқ доранд ва баъзе ёдгориҳои Норбексой низ ба ҳамин давра мансубанд. Аз рӯи вақт ин ба пайдоиши дини масеҳӣ дар Осиёи Миёна рост меояд. Ҳангоми тадқиқи Кархона ашёи марбут ба дини масеҳӣ ҳанӯз пайдо нашудааст. Эҳтимол, дар тӯли зиёда аз ҳазор сол, ҳангоми истифодаи дуюмдараҷаи он, ҳамаи аломатҳои марбут ба масеҳият тадриҷан аз байн рафтанд. Чунин ҳолатҳоро муҳаққиқон ҳангоми кофтукови калисоҳо ва дайрҳои масеҳӣ аллакай қайд кардаанд.

Боз як иншооти зеризаминиро дар солҳои 40-уми асри XX ҳангоми кофтукови қалъаи шаҳраки Каҷартеппа дар наздикии шаҳри Қаршии Ӯзбекистон С.К. Кабанов кашф кардааст. Дар чуқурии 6 метр аз болои теппа қисмҳои ду ҳуҷраи бо девор аз ҳам ҷудошуда кушода шудаанд [12,с.14]. Сарфи назар аз хуб нигоҳ доштани қисми болоӣ, биноҳои Каҷартеппа тақрибан то шифт бо рег пур шуданд. Эҳтимол дорад, ки он ба масеҳиён низ тааллуқ дошта бошад. Дар канори ғарбии шаҳраки Афросиёби Самарқанд маҷмааи калон кашф гардидааст. Ин ёдгории нодир аз зиёда аз даҳ толор, ҳуҷра ва роҳравҳо иборат аст. Аксари толорҳо дар як қатор, дар шакли пушта ҷойгир шудаанд, ки мобайни онро долони танг убур мекунад. Толорҳо дар паҳлӯи ҳам ҷойгир буда, шифтҳои равоқдор доштанд. Қариб ҳамаи ҳуҷраҳо, толорҳо ва долонҳо аз хоки бо порчаҳои хишти хом ва похса омехташуда ба таври сунъӣ пур карда шуданд. Шояд ин маҷмаа мисли Кархона як маҷмааи бузурги динии ғорҳои несторианҳои қадимии Самарқанд буд.

Замони пайдоиши маҷмааи ғорҳо ҳанӯз мушаххас нашудааст ва қатъи фаъолияти он, эҳтимол, ба давраи исломигардонии Самарқанд рост меояд. Вақте ки несторианҳои қадим

маҷбур шуданд, ки ин ҷойҳоро тарк кунанд, иншоот мисли Қоштеппаи Нахшаб бо хок пӯшида шудаанд. Эҳтимол, меъмории ғорҳо на танҳо дар минтақаҳои ғарбии паҳншавии таълимоти масеҳӣ, балки дар Шарқ низ муаррифӣ шудааст.

Оид ба масеҳият дар Осиёи Миёна В.В. Бартолд навишта буд: «…мо дар бораи паҳншавии масеҳият дар Мовароуннаҳр дар замони Сосониён ягон маълумот, ки асоси тадқиқоти таърихӣ шуда тавонад, надорем; танҳо тахмине мавҷуд аст, ки мутобиқи он масеҳиён дар аллакай асри VI Самарқанд епископи худро доштанд» [4,с.272]. Аммо дар асри V дар Самарқанд ҷамоаҳои масеҳиён ва митрополияи онҳо ташкил ёфта буданд [14,с.131]. Эҳтимол, масеҳият ба Суғд аз Марв дар асрҳои V-VI омада буд. Соли 420 дар Марв митрополия кушода шуд. Вайончунон нуфуз дошт, ки шоҳи сосонӣ Яздигурди III-и аз тарафи арабҳо дар наздикии Марв кушташуда дар ҳавлии митрополия ғуронида шудааст. Дар асри VI дар Самарқанд калисои епископӣ, дар асри VIII бошад, митрополия ташкил карда шуд. Муаллифони арабзабони асрҳои VIII-IX дар асарҳои худ оид ба масеҳиёни Бухоро, Самарқанд ва Ҳафтрӯд ёдрас намудаанд. Оид ба мавҷудияти ҷамоаҳои масеҳӣ дар ин вилоятҳо ҳамчунин бозёфтҳои бостоншиносӣ – навиштаҷоти масеҳӣ бо забонҳои туркӣ, суғдӣ ва суриёнӣ шаҳодат медиҳанд. Мазҳаби масеҳиро пеш аз ҳама тоҷирони шаҳрӣ, ашрофони бо тиҷорати байналмилалӣ машғулшаванда ва ҳокимони маҳаллӣ қабул карда буданд. Дар Суғд масеҳиёнро меҳмондӯстона қабул карданд. Дар ин ҷо мубаллиғи масеҳӣ Фома ва шогирдони вайро, ки ба воситаи Суғд ба Ҳиндустон гузашта мерафтанд, дар ёд доштанд. Масеҳият дар Суғди Самарқанд, Бухоро ваа Чоч солҳои 412-470 ворид шудааст [6, с.12].

Фарҳанги суғдиён ба одамон имкон медод, пайрави ҳамон мазҳабе бошанд, ки омурзиш кунанд. Масалан, дар Ургут дайри масеҳиён, дайри зардуштии Ҷартеппа ва ҳам дайри буддоӣ мавҷуд буданд. Ин маънои онро дорад, ки митрополияи дар Самарқанд кушодашуда озодона фаъолият дошт ва касе ба он халал намерасонд. Дар миёнаи асри X дасри масеҳии Ургут ба дараҷае ривоҷ дошт, ки ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавкал онро чунин тавсиф кардааст: «…дар Шавдор калисои масеҳӣ мавҷуд аст, ки дар он ҷамъ меоянд. Ман дар он ҷо масеҳиёнеро дидам, ки баромадашон аз Ироқ аст. Онҳо ба ин ҷо аз сабаби мавқеи қулаи ҷуғрофӣ, иқлими хуш ва камодамӣ омада буданд. Дар он ҷойҳое ҳаст, ки истодан мумкин буд; қисми одамон ин ҷо ба муддати тӯлонӣ омадаанд. Ин маҳал дар Суғд Вазкирд ном дорад. Дар Шавдор дарахо бо рӯдҳои зебои ба деҳаҳо ҷоршаванда, ҷойҳои сайди моҳӣ, фаровонӣ дар ҳамаи тарафҳои ҳаёт ва ҳаловат бурдан аз онҳо мавҷуданд» [22,с.373].Марко Поло навиштааст, ки баъди истилои муғулҳо дар Самарқанд масеҳият оммавӣ гаштааст: «Санмаркан - шаҳри калон, номдор; дар он масеҳиён ва сарастсинҳо, хизматгузорони ҷияни хони бузург зиндагӣ мекунанд…ба наздикӣ бародари хунии хони бузург Чағатой ба масеҳият рӯ овард ва ин мамлакатро соҳибӣ кард» [15,с.31].Дар роҳи бузурги абрешим корвони мол пайваста байни Чин, Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ, Шарқи Наздик ва Аврупо ҳаракат мекарданд. Дар Осиёи Миёна суғдиён савдогари асосӣ буда, дар тамоми минтақа қароргоҳҳои онҳо воқеъ буданд [24, с.98]. Ба шарофати суғдиён масеҳият то Фарғона, Ҳафтрӯд, Туркистони Шарқӣ, Муғулистон, Кашмир ва Тибет рафта расид [2, с.62]. То замони мо ёдгориҳои хаттии суғдӣ-масеҳӣ – тарҷумаи Аҳди Ҷадид, иншоҳои агиографӣ омада расидаанд. Минбаъд таълимоти несторианӣ ба Туркистони Шарқӣ паҳн мешавад. Бо қувваи миссионерҳо таълимоти несторианӣ дар байни туркҳо ва муғулҳои Осиёи Марказӣ ва Дашти Кабир, Кавказ, аз ҷумла осетинҳо, хоразмиён, суғдиён, хазарҳо, половҳо, қарохитоиҳо, караитҳо, меркитҳо, найманҳо, уйғкрҳо, қарлуқҳо ва қирғизҳо паҳн мегардад.

Шаҳодати синтези зардуштия ва масеҳият ба даст омадани навиштаҷоти суриёнӣ, ашёҳои алоҳидаи дафнӣ мебошанд. Бо забони суғдӣ ҳуҷҷатҳои зиёд аз Турфон, дар шаҳраки Панҷакент порчаи Инҷили бо забони суриёнӣ навишташуда ба даст омаданд. Соли 796 баъди таъсиси Бағдод халифа Ал-Мансур мелкитҳои Ктесифонро ба Чоч фиристода буд. Миқдори зиёди устадонҳои масеҳӣ дар шаҳраки Афросиёб ёфт шудаанд. Дар зарфи аз дайри Ургут ёфтшуда расми таъмиди ду мард, яке дар ҳолати нишаста ва дигаре бо салиб дар даст рост истода тасвир ёфтааст. Дар ин ҷо ҳамчунин оташдони зардуштӣ мавҷуд буд [11, с.89]. Ин маънои онро дорад, ки чуноне дар боло қайд шуда буд, мардум ба динҳои гуногун эътиқод доштанд. Ҳатто ибодатхонаҳои зеризаминӣ месохтанд. Дар Уструшана ва Бухоро ашёҳо бо унсурҳои мазҳаби масеҳӣ пайдо карда шудаанд. Ин дар бораи паҳншавии масеҳият дар ин қисмати Суғд низ маълумот медиҳад [8,с.65].

Намояндагони масеҳият баробари ташвиқи мазҳаби худ ҳамчунин дар дарбори ҳокимон ба сифати табибон, олимон ва намояндагони касбҳои дигар хизмат мекарданд [6, с.12]. Дар Осиёи Миёна намояндагони ҳамаи динҳо аз рӯи мақоми динии худ аз ҳамдигар фарқ намекарданд.

Аммо истилои арабҳо ба ин хотима гузошт. Арабҳо калисои масеҳиро дар назди дарвозаи Атторони Бухоро вайрон карда, дар ин ҷо масҷид сохтанд. Самарқанд чанд муддат маркази муборизаи байни мазҳабҳои ислом ва масеҳӣ гардида буд [4,с.292].

Қайд кардан бамаврид аст, ки сарчашмаҳо пайдоиши дини масеҳӣ дар Осиёи Миёнаро ба асри I мансуб медонанд. Муҳаққиқони ғарб дар бораи сафари миссионерии Фома ба Ҳиндустон тавассути Осиёи Марказӣ маълумот додаанд. Аллакай дар миёнаҳои асри I масеҳиён ба қаламрави Қирғизистон ворид шуда, дар асри IV Ҷамъияти тавонои Осиёи Миёнаро таъсис доданд. В.В. Бартолд тахмин мекунад, ки дини масеҳӣ аз асри III пеш аз милод дар Осиёи Миёна паҳн шудааст [3,с.118]. Дар муносибати маънавӣ ва фарҳангии суғдиён ва туркҳо дар давраи барвақти асримиёнагӣ нақши ҷараёни несторианин масеҳият, ки дар ин давра ба Осиёи Миёна ворид мешуд, хеле калон аст. Ҷараёни несторианӣ соли 431 дар анҷумани калисои Эфес дар Византия бидъат эълон карда шуд. Несторианҳо пайравони патриархи Константинопол Несторий буданд. Моҳияти таълимоти несторианҳо дар ҷавҳари илоҳии Исои Масеҳ буд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки модари ӯ Мария на Худо, балки одамро таваллуд кардааст, ки ба ҷисми вай Худо ҷойгир шудааст [10,с.88]. Сабаби бидъат эълон шудани ҷараёни несторианӣ дар ҳамин аст. Несторианҳо ва як қисми масеҳиёни тарафдори ин ҷараён марзи империяи Римро тарк карда, бо номи «Калисои Шарқ» ба ҷониби шарқ – Эрон, Осиёи Миёна ва дигар давлатҳо равон шуданд. Онҳо дар ҷойҳои нав аҳолии маҳаллиро бо таълимоти худ шинос мекарданд. Бо сабаби содда будани таълимот таъсири несторианҳо хеле боло мерафт. Минбаъд дар як тарафи шоҳи Эрон мӯъбади зардуштӣ ва дар тарафи дигар коҳини масеҳӣ менишастанд. Доираҳои ҳукмрон, мӯъбадони зардуштӣ тавонистанд, шоҳро бовар кунонанд, ки масеҳиён анъанаҳои фарҳанги миллиро вайрон карда истодаанд. Дар натиҷа масеҳиён марзи Эронро тарк карданд. Аммо онҳо ба Византия бозпас омада наметавонистанд ва аз ин сабаб ба шарқ ҳаракат намуданд. Дар бораи несторианҳои Осиёи Миёна олимони асримиёнагӣ аз қабили Ат-Табарӣ, Ибни Ҳавкал, Абурайҳон Берунӣ ва дигарон маълумот додаанд. Берунӣ несторианҳоро аз мутамаддинтарин ҷараёнҳои динӣ медонист [5,с.213].

Дар ибтидои асри III масеҳиён дар бисёре аз манотиқи империяи Форс, аз ҷумла дар маҳалли зисти қабилаҳои туркӣ – Мод, Порт, Гелон ва Бохтар зиндагӣ мекарданд. Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки масеҳиён дар қаламрави бузург, аз ҷумла Уйғуристон, Чин, Қазоқистон ва минбаъд Муғулистон ва Маҷористон як маркази маъмурие бунёд кардаанд.

Соли 334 Марв маркази асосии ноҳиявии ҷамоаҳои масеҳӣ буд. Дар Самарқанд бошад, Нестор як епископи пурқудрате ба вуҷуд овард, ки нуфузи худро ба Дашти Қипчоқ (аз Муғулистон то Маҷористон), Хоқонии Уйғур ва минбаъд то Чин паҳн кардааст. Мувофиқи маълумотхои Марк Диккенс ҳуҷҷатҳое мавҷуданд, ки ба соли 250 тааллуқ доранд [23,с.56]. Онҳо дар бораи фаъолияти мубаллиғони Акай, ки дар солҳои 120-140 дини масеҳиро дар байни қабилаҳои ҷануби шарқии баҳри Хазар паҳн кардааст, шаҳодат медиҳанд.

Ба паҳншавии дини масеҳӣ несторианҳоро таъқиб намудани оташпарастон дар Форс дар охири асри IV мусоидат кардааст. Соли 448 дар наздикии шаҳри ҳозираи Киркук тақрибан 153 000 несторианҳо кушта шуданд. Несторианҳо аз таъқибот гурехта, таълимоти худро ба дигар минтақаҳои Шарқ мебурданд. Дар соли 498 худи шоҳ Каводи I аз Форс ба Осиёи Миёна фирор кард. Ӯро рӯҳониёни несторианӣ ҳамроҳӣ мекарданд, ки Инҷилро ба мардуми маҳаллӣ меоварданд. Миссионерҳо дар баробари дин дастовардҳои илми тиб, фалсафаи Юнони қадимро низ овардаанд [23,с.57]. Ҳамин тариқ, дар охири асри V мубаллиғони аз Форс омада Инҷилро дар байни хуннҳо ва туркҳо васеъ паҳн карданд. Ҳирот ва Марв то соли 424 ба марказҳои миссия табдил ёфтанд. Дар давоми асрҳои минбаъдаи пеш аз зуҳури ислом бисёр туркҳо ва хуннҳо, инчунин дигар мардуме, ки дар болооби Амударё сукунат доштанд, таълимоти несторианиро қабул карданд. Дар империяи Ҳайтолиён, ки дар асрҳои V-VI тамоми Осиёи Миёнаро фаро гирифта буд, дини масеҳӣ дини давлатӣ эълон карда шуд [9,с.163]. Дар Осиёи Миёна таълимоти несторианӣ ҳамчун яке аз динҳои асосии минтақа бо буддоия, оташпарастӣ ва мазҳабҳои қабилавӣ ҳамзистӣ дошт. Шаҳрҳое буданд, ки дар онҳо несторианҳо зиндагӣ мекарданд. Масалан, дар қисмати шарқии Бишкек шаҳри Тарсакент буд, ки номи он ҳамчун «шаҳри масеҳиён» тарҷума шудааст. Бо ҳамин ном боқимондаҳои шаҳри Наймон дар Алатауи Қазоқистон пайдо шуданд. Шаҳри Марв то асри VII чун пойгоҳи муҳими миссионерӣ боқӣ монда, минбаъд роҳбариро ба Бухоро ва Самарқанд супоридааст. Дар он чанд деҳаҳои масеҳӣ бунёд карда шудаанд. Ин ҷамоатҳо то миёнаҳои асри XIII боқӣ мондаанд.Бо талоши мубаллиғони несторианҳо ва тоҷирони қабилаҳои туркҳои муқимӣ ва бодиянишини Осиёи Миёна паҳншавии дини масеҳӣ идома меёфт. Митрополити Марв Илёс соли 644 дар бораи

шумораи зиёди масеҳиён дар соҳили Амударё маълумот додааст [21, с.67]. Мутобиқи ахбори Маҳмуди Қошғарӣ, дар ҷанубу шарқии Дашти Қипчоқ, подшоҳии Узгон ва Хоқонии Уйғур ҷамъияти масеҳиён амал мекард. Муғулҳо уйғурҳоро ҳамчун масеҳӣ медонистанд, бинобар ин, Кубулайхон ба ду уйғури несторианӣ фармон дод, ки ба Байтулмуқаддас барои ибодати Исои Масеҳ раванд. Сарчашмаҳои масеҳӣ менависанд, ки дар асрҳои VII-VIII бо истилои Осиёи Миёна аз ҷониби арабҳо калисоҳои масеҳӣ ба масҷидҳо табдил дода шуданд. Бо вуҷуди ин дар марзи хилофат уламо, табибон ва амалдорони воломақоми несторианҳо боқӣ монданд. Бо вуҷуди мамнӯъиятҳои қатъӣ, несторианҳои ба кори миссионерии фаъол машғул буданд ва тавонистанд бисёре аз зардуштиёнро ба эътиқоди худ табдил диҳанд.

Ҳамин тариқ, пеш аз истилои араб дини масеҳӣ дар байни мардуми Осиёи Миёна чунон паҳн шуда буд, ки ҳатто баъд аз муваффақиятхои ҷангии арабҳо чун дини оммавӣ боқӣ монд. Дар ибтидои пайдоиши хилофат мусулмонон нисбат ба дигар динҳо нисбат ба несторианҳо сабуктар муносибат мекарданд. Бо ба сари ҳокимият омадани арабҳо несторианҳо аз зулми зардуштиён нафаси сабук кашиданд. Ғайр аз андоз аз сари аҳолӣ арабҳо дар таъқиби масеҳиён махсусан иштирок накарда, баъзан ба онҳо фишор меоварданд. Ба масеҳиён инчунин сохтани биноҳои нави калисо ва истифодаи кушоди салиб дар сохторҳо манъ карда шуд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Альбаум, Л.И. Христианский храм в Старом Термезе/Л.И.Альбаум//Из истории древних культов Средней Азии. Христианство. - Ташкент, 1995. - С.34-41.
2. Атаханов, Т.М. О работе Шаартузского археологического отряда в 1968—1970 гг./ Т.М.Атаханов,С.Г.Хмельницкий. - М.: Наука, 1973. – С.187-204.
3. Бартольд, В.В. Работы по истории и филологии тюркских и монгольских народов/ В.В.Бартольд. - М.: Восточная литература, 2002. – 754 с.
4. Бартольд В.В. О христианстве в Туркестане в домонгольский период // Соч. Том II. Часть 2. /В.В.Бартольд.-М.: Наука, 1964. - С.265-302.
5. Бируни, Абу Рейхан. Памятники минувших поколений // Избранные произведения. Т.1. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1957. – 516 с.
6. Буряков, Ю.Ф. Христианство в Средней Азии в древности и средневековье // Культура народов Центральной Азии. Религия и демократия/ Ю.Ф.Буряков.–Самарканд: МИЦАИ, 1999. – С.11-17.
7. Дресвянская, Г.Я. “Овальный” дом христианской общины в Старом Мерве//Г.Я. Дресвянская, / ТЮТАКЭ XV. - Ашхабад: Ылым, 1974. – С.155-181.
8. Иваницкий, И.Д. Христианская символика в Согде // И.Д. Иваницкий/ Из истории древних культов Средней Азии. Христианство. Составитель Л.И. Жукова. – Ташкент: Гл. ред. энцик., 1994. – С. 64-70.
9. Исоматов, М. Вклад согдийцев в распространение буддизма и христианства в Центральной Азии (IV-VIII вв.)//М.Исоматов/Буддизм и христианство в культурном наследии Центральной Азии –Бишкек: Изд-во ОФЦИР, 2003. - С.162-166.
10. История религии. Т.2. – М.: Высшая школа, 2004. – 676 с.
11. Исхаков, М.М.Раскопки Коштепе //М.М.Исхаков, Ш.С. Ташходжаев, Т.К.Ходжайов / История материальной культуры Узбекистана. – 1977. – Вып. 13. – С. 88–97.
12. Кабанов С.К. Нахшаб на рубеже древности и средневековья (III-VII вв.). - Ташкент: Фан, 1977. – С.14-15.
13. Кызласов, Л.Р. Исследования на Ак-Бешиме в 1953-1954 гг. //Л.Р.Кызласов/ Труды Кыргызской археолого-энографической экспедиции. II. - М.: Наука, 1959. – С.231-233.
14. Лившиц, В.А. Согдийские тексты, документы и эпиграфика //В.А.Лившиц/ Источниковедение Кыргызстана (с древности до конца XIX в.) / Отв. ред. В.М. Плоских; НАН Кыргызской Республики. - 2-е изд. - Бишкек: Илим, 2004. – 372 с.
15. Марко Поло. Книга о разнообразии мира. - М.: Мысль, 1997. – 160 с.
16. Массон, М.Е. Ахангеран. Археолого-топографический очерк/М.Е.Массон.-Ташкент: Фан, 1953. – С.101-103.
17. Наршахи Абу Бакр Мухаммад ибн Джа‘фар. Та’рих-и Бухара. История Бухары. Перевод, комментарии и примечания Ш. С. Камолиддина. Археолого-топографический комментарий Е. Г. Некрасовой. - Ташкент: SMIA-SIA, 2011. - 600 с.
18. Пантусов, Н.Н. Таш-Рабат // Изв. ИАК 4. - СПб., 1902. – С.15-23.
19. Пугаченкова, Г.А. Хароба Кошук // ИАН ТуркмССР. - №3. - Ашхабад, 1954. - С.15-19.

20.Раимкулов, А.А. Своеобразный культовый комплекс Южного Согда // ИМКУ. - №2. - Самарканд, 1997. – С.110-116.
21.Рахманалиев, Р. Империя тюрков. Великая цивилизация. М.: Рипол Классик, 2009. – 704 с.
22.Abu-l-Kasim Ibn Haukal an-Nasibi. Opus geograpnicum. Ed. M. J. de Goeje. Bibliotheca geographorum arabicorum. Pars 2. - Lugduni-Batavorum, 1967. - 528 p.
23.Dickens M. Nestorian Christianity in Central Asia. – Edmonton, 2001. – 188 p.
24.England J. The Hidden History of Christianity in Asia. Delhi&Hong Kong: Cambridge Press, Delhi, 2002. – 210 p.

**REFERENCES:**

1. Albaum, L.I. Christian temple in Old Termez // From the history of ancient cults of Central Asia. Christianity. - Tashkent, 1995. - P.34-41.
2. Atakhanov T.M., Khmelnitsky S.G. On the work of Shaartuz archaeological team in 1968-1970. - M.: Science, 1973. - P.187-204.
3. Bartold V.V. Works on the history and philology of the Turkic and Mongolian peoples. - M.: Eastern literature, 2002. - 754 p.
4. Bartold V.V. About Christianity in Turkestan in the pre-Mongolian period // Works. Volume II. Part 2. - M.: Science, 1964. - P.265-302.
5. Biruni Abu Reyhan. Monuments of past generations // Selected works. T.1. - Tashkent: Publishing House of the Academy of Sciences of the Uzbek SSR, 1957. - 516 p.
6. Buryakov Yu.F. Christianity in Central Asia in antiquity and the Middle Ages // Culture of the peoples of Central Asia. Religion and Democracy. - Samarkand: ICAI, 1999. - P.11-17.
7. Dresvyanskaya G.Ya. "Oval" House of the Christian Community in Old Merv // Proceedings of the South Turkmenistan complex archaeological expedition. XV. - Ashgabat: Ylym, 1974. - P.155-181.
8. Ivanitsky I.D. Christian symbols in Sogd // From the history of ancient cults of Central Asia. Christianity. Compiled by L.I. Zhukov. – Tashkent: Enzik., 1994. - P. 64-70.
9. Isomatov M. The contribution of the Sogdians to the spread of Buddhism and Christianity in Central Asia (IV-VIII centuries) // Buddhism and Christianity in the cultural heritage of Central Asia - Bishkek: OFTSIR Publishing House, 2003. - P. 162-166.
10. History of religion. T.2. - M.: Higher School, 2004. - 676 p.
11. Iskhakov M.M., Tashkhodzhaev Sh.S., Khodzhayov T.K. Excavations of Koshtepe // History of material culture of Uzbekistan. - 1977. - Issue. 13. – P. 88–97.
12. Kabanov S.K. Nakhshab at the turn of antiquity and the Middle Ages (III-VII centuries). - Tashkent: Science, 1977. - P.14-15.
13. Kyzlasov L.R. Research at Ak-Beshim in 1953-1954. // Proceedings of the Kyrgyz ethnographic expedition. II. - M.: Science, 1959. - P.231-233.
14. Livshits V.A. Sogdian texts, documents and epigraphy // Source study of Kyrgyzstan (from antiquity to the end of the 19th century) / Ed. ed. V.M. flat; NAS of the Kyrgyz Republic. - 2nd ed. - Bishkek: Science, 2004. - 372 p.
15. Marco Polo. A book about the diversity of the world. - M.: Thought, 1997. - 160 p.
16. Masson, M.E. Ahangeran. Archaeological and topographical sketch.-Tashkent: Science,1953.- P.101-103.
17. Narshahi Abu Bakr Muhammad ibn Ja'far. Ta'rih-i Bukhara. History of Bukhara. Translation, comments and notes by Sh. S. Kamoliddin. Archaeological and topographic commentary by E. G. Nekrasova. - Tashkent: SMIA-SIA, 2011. - 600 p.
18. Pantusov N.N. Tash-Rabat // Izv. IAK 4. - St. Petersburg, 1902. - P.15-23.
19. Pugachenkova G.A. Haroba Koshuk // IAN TurkmSSR. - Number 3. - Ashgabat, 1954. - P.15-19.
20. Raimkulov, A.A. Peculiar cult complex of Southern Sogd // IMCU. - No. 2. - Samarkand, 1997. - P.110-116.
21. Rakhmanaliev R. Empire of the Turks. Great civilization. M.: Ripol Classic, 2009. - 704 p.
22. Abu-l-Kasim Ibn Haukal an-Nasibi. Opus geograpnicum. Ed. M. J. de Goeje. Bibliotheca geographorum arabicorum. Pars 2. - Lugduni-Batavorum, 1967. - 528 p.
23. Dickens M. Nestorian Christianity in Central Asia. – Edmonton, 2001. – 188 p.
24.England J. The Hidden History of Christianity in Asia. Delhi&Hong Kong: Cambridge Press, Delhi, 2002. – 210 p.